**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР**
**БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ТДУ: 331.5.024.5**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ГУЛОВ ИСКАНДАР ХАСАНОВИЧ**

# ТАКМИЛДИҲИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси:
08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**БОХТАР – 2023**

Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Ашуров Ихтиёр Саидович,**<br>доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Азимов Абдумавлон Ҷалилович**,<br>доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд<br><br>**Одиназода Комрон Саидаброр,**<br>номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» |

Ҳимояи кори диссертатсионӣ рӯзи 27 январи соли 2023, соати $12^{\underline{00}}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, $^1/_2$) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (www.tguk.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент Толибов Қ.Қ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баҳои рушди ҳар як давлати соҳибистиқлол дар маҷмуъ ва минтақаҳои алоҳидаи он аз муносибати иҷтимоию меҳнатии пешгирифтаи он дода мешавад. Таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ аз қабули қонунҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои ҳукумат дар тамоми сатҳҳои иқтисодию иҷтимоӣ вобаста аст. Сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бештар вазъи муносибати иҷтимоӣ ва меҳнатии аҳолӣ муайян мекунад.

Истифодаи захираҳо ва истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум дар аввали асри XXI дар Тоҷикистон ҷавобгӯи талабот набуд. Иқтисодшиносон коҳиши онро дар марҳалаи аввал бо ҷанги шаҳрвандӣ, аз байн рафтани робитаҳои иқтисодии байни давлатҳо ва сатҳи пасти вазъи инфрасохтори иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар солҳои ислоҳот харобшуда рабт медиҳанд.

Дар натиҷа мушкилот дар сатҳи пасти рушди ҳам иқтисодӣ ва ҳам соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ ба миён омад, ки диққати ҷиддии таҳқиқоти олимонро талаб мекунад.

Ҳангоми таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «Аз байн бурдани камбизоатӣ, иваз намудани амсилаҳои (моделҳои) ноустувор ва пешбурди амсилаҳои устувори истеъмолот ва истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳимми рушди устувори инсон мавриди амал қарор гирифтанд»[1]. Набудани ҷои кор, манзили мусоид, марказҳои гармидиҳӣ, канализатсия ва системаҳои доимии иртиботи роҳ, рушди нокифояи системаи тандурустӣ дар деҳот, коҳиши воқеии сатҳи хизматрасонии тиббӣ, хурӯҷи бемориҳои гуногун дар байни аҳолӣ боиси муҳоҷирати сокинон ба дохил ва хориҷи кишвар гардид. Ин ба қобилияти баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди Тоҷикистон ва некуаҳволии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад. Асоси татбиқи тадбирҳои баланд бардоштани муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад. Вале сабабҳои иҷро нашудани бандҳои алоҳидаи ҳуҷҷатҳои расмӣ зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмиро тақозо менамояд.

Ёфтани самтҳои ташаккули сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва расидан ба мақсадҳои рушд аҳамияти мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таҳқиқоти иқтисодӣ ба масъалаи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ диққати зиёд дода мешавад.

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – С. 5.

Дар адабиёти иқтисодӣ, хусусан дар миёни олимони ҷаҳонӣ Афлотун, Арасту, Т. Гоббс, И. Кант, Гегел, В. фон Гумболдт, О. Хеффе, Ҷ. Хабермас, Р. Баркер, И.М. Лаврененко, И. Фихте, В. Сомбарт сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Дар иқтисодшиносии кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия, равияҳои тамоман гуногуни таҳқиқи масъалаи рушди устувори инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии минтақаҳо вуҷуд доранд. Дар инкишофи асосҳои назариявию методологии рушди устувори инфрасохтори иҷтимоӣ як қатор олимони рус, аз қабили Адукова А.Н., Афанасева Е.П., Елканов А.Б., Никонов А.П., Поборешков О.Е., Поромонова А.Н., Паскал А.В., Тю Л.В., Чубарова Т.В., Шаяхметов И.Т. ва дигарон саҳми назаррас гузошта, ҷанбаҳои мухталифи масоили мавриди назарро дар шароити муосир таҳқиқ намудаанд.

Доир ба ин масъала як гурӯҳ олимони тоҷик: Амонова Д.С., Аминов И., Ашуров И.С., Ахмедов К.А., Билолов Н.К., Бобоҷонов Р., Восиев Ф.М., Ғаниев Т.Б., Дустбоев Ш., Зубайдов З.Н., Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Қодиров Д.Б., Қудратов Р.Р., Қурбонмамадова С.А., Мадаминов А.А., Мансуров П.М., Назаров Т.Н., Пиризода Ҷ.С., Раҷабов Р.К., Самандаров И.Ҳ., Сангинзода Э., Султанов Д.У., Ҷабборов А.Ҷ., Ҷурахонзода С., Шарипов С.А. ва диг. низ таҳқиқоти илмӣ гузаронида, самтҳои алоҳидаи сиёсати иҷтимоию меҳнатиро арзёбӣ намудаанд.

Солҳои охир доир ба самти иқтисодиёти меҳнат Бойматова М.М., Гадоев А.Д., Гурезов С.И., Кабутов К.Р., Қиёмиддинова Ф.К., Марупова Н.Ш., Тоҳирҷонов Б.Т. рисолаҳои илмӣ навишта дифоъ намуданд.

Дар баробари ҳамаи ин таҳқиқоти гузаронидашуда зери таъсири ислоҳот масъалаҳои наве ба вуҷуд омаданд, ки бе ҳалли онҳо таъмини таҳияи сиёсати нави иҷтимоию меҳнатӣ имкон надорад. Хусусан таҳқиқи асосҳои назариявӣ ибораи илмии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ дар замони муосир, таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон, арзёбии вазъияти муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва муайян намудани самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, ки то ҳанӯз пурра мавриди таҳқиқот қарор нагирифтаанд, мавзуи асосии диссертатсияи мазкур ба ҳисоб меравfamilyанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи ветеранҳо», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд», «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии

нафақа», «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ», «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», «Стратегияи миллии коҳишдиҳии камбизоатӣ то соли 2030», «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур барои солҳои 2016-2020», «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020», ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2022 ироа шудаанд, робитаи бевосита дорад.

## ТАСНИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин** таҳқиқи асосҳои назариявии ибораи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, баҳои ҳолати кунунӣ ва таҳияи тавсияҳои методологӣ ва амалӣ барои рушди он ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Таҳқиқи асосҳои назариявии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои методологӣ ва амалӣ барои рушди он дар минтақа мебошад.

Мувофиқи ҳадафи таҳқиқот, дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– таҳқиқи асосҳои назариявии моҳияти иқтисодии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ;

– муайян намудани принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар замони муосир;

– омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон;

– арзёбии вазъияти муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар кишвар;

– таҳлили иҷрои сиёсати иҷтимоӣ ва меҳнатии аҳолӣ дар вилояти Хатлон;

– самтҳои асосии такмили муносибатҳои иҷтимоию-меҳнатӣ тавассутӣ:

- таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию-иқтисодӣ – механизми асосии такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ;
- таҳияи ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва механизми такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ;
- ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ роҳи асосии такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароит ва самтҳои татбиқи он мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқарраpоте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок намудани самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ тавассути ташкили корхонаҳои калони агросаноатӣ, чун механизми асосии таъмини шуғли аҳолӣ, таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию меҳнатӣ, ҳамчун самти асосии такмили сиёсати иҷтимоӣ ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, чун роҳи асосии таъмини иҷрои сиёсат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷаи дуру наздик ноил гардидан мумкин аст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асарҳои олимони иқтисодони машҳури ҷаҳон, муқарраpоти ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ, қонунҳо ва барномаҳои бунёдии онҳо доир ба рушди ҷомеа, назарияҳои муосири иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ, ки ба рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ бахшида шудаанд, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Дар диссертатсия қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии вобаста ба ташаккули сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ рабт доранд, истифода гардидаанд. Ба сифати манбаъҳо ҳуҷҷатҳои расмӣ, барномаҳои давлатӣ, стратегияи миллии рушд, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, ҳисоботҳои кумита ва идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳои илмию амалӣ корбаст гардидаанд.

**Сарчашмаи иттилоотиро** санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар соҳаи меҳнат, маводи оморӣ, ҳисоботҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, вазорати кишоварзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои пурсишномаҳои аҳолӣ, нашрияҳои ташкилотҳои умумихалқӣ ва мушоҳидоти шахсии унвонҷӯ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар солҳои 2016-2023 иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Муқарраpоти асосии илмие, ки навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқотро муайян мекунанд, инҳо мебошанд:

– дар назарияи моҳияти сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, мафҳуми нав, чун «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ маҷмуи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии давлат дар бораи таҳияи ҳадафҳои рушди иҷтимоии ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа тавассути таъмини фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати зиёда аз арзиши сабади истеъмолӣ, дастгирии давлатии табақаҳои аҳолии барҷомонда ва бекорон, таъмини рушди маориф, тиб, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш» пешниҳод шудааст;

– принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоиро дар намуди ҷадвал ба ҳашт гурӯҳ: таъмини имконияти захиравӣ, адолати иҷтимоӣ, кафолати иҷтимоӣ, масъулияти иҷтимоӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, ҷуброни иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ, принсипи афзалият додан ба ташаббусҳои ҷамъиятӣ, муттасилӣ тақсим намуда, вобаста ба ин принсипҳо вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ: ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва тобеи истеҳсолот ба манфиатҳои истеъмолот, тақвияти ҳавасмандгардонии меҳнат ва соҳибкорӣ, таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи мероси фарҳангию табиӣ ва ҳувияти миллӣ муайян карда шудааст;

– таҷрибаи механизмҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти бозориро таҳқиқ намуда, истифодаи се амсила – скандинавиявӣ (Дания, Шветсия, Финляндия), континенталӣ (Олмон, Австрия, Фаронса ва кишварҳои Бенилюкс), англо-саксонӣ (Британияи Кабир ва Ирландия), кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон бо маблағгузории тавассути барномаҳои иҷтимоии Россия, муҳайё намудани шароити моддӣ барои волидони худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Чин, сиёсати шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ, таъмини стандарти миллии сифати зиндагии Қазоқистон барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон қобили қабул дониста шудааст;

– муайян карда шудааст, ки сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар он зоҳир мегардад, ки механизми иҷрои ин барномаҳо муайян карда намешаванд ва системаи чорабиниҳои ба назар гирифташаванда пояи молиявӣ надоранд ва сарчашмаҳои иҷрояшон ноаёнанд. Даромади хонавода хароҷоти онро намепӯшонад. Афзоиши миёнасолонаи аҳолӣ дар як сол 2,22% ва афзоиши миёнасолонаи нафақахӯрон 2,48 фоизро ташкил медиҳад, ки доир ба тадриҷан пир шудани аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода намешаванд. Ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ, ки 65,4 фоизи захираҳои меҳнатӣ машғуланд ба 4,69 сомонӣ дар 1 одам/соат ташкил медиҳад. Миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ бо сабаби ба дигар категория гузаштанаш тамоюли пастравӣ дорад. Сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он ба талабот ҷавобгӯ нест. Ба

1000 кӯдак дар шаҳрҳо 8,2 муассисаи томактабӣ ва дар деҳот 1,1 муассиса рост меояд, ки ин хеле кам аст. Сатҳи китобхонии аҳолӣ коҳиш ёфтааст. Таъмини аҳолӣ бо манзил ба ҳар як сокини вилоят дар давраи солҳои 2015-2021 дар маҷмуъ 5,6%, сокини шаҳр -13,0%, деҳот - 6,1% коҳиш ёфтааст;

– асоснок карда шудааст, ки таҳияи барномаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини иҷрои онҳо, чун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, механизмҳои асосии он:

- ташкили ҷойҳои нави кориро дар назар дорад, ки шуғли пурсамарро таъмин намояд;
- фаъол гардондани корхонаҳои ғайридавлатигардида, тавассути баланд бардоштани андоз аз моликият;
- таҳияи барномаи «Рушди манзил дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», тавассути ташкили «Фонди манзили деҳот», ки метавонад дар пояи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ шавад;
- «Фонди манзили деҳот», дар ҷамоатҳои деҳот ташкил карда шуда маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аҳолӣ ва дигар табақаҳои аҳолиро муттаҳид намуда, сохтмони манзилро барои деҳотиён ба роҳ монад;
- таҳияи барномаи дарозмуддати мақсадноки «Рушди таҳсилоти касбӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030» барои навсозии системаи таҳсилоти касбӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои минтақавии «Рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», «Рушди агротуризм», «Майдончаҳои хурди варзишӣ» чун омили баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ хизмат менамояд;

– исбот карда шудааст, ки барои рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар мадди аввал ташаккули системаи шарикии иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ меистад ва амсилаи тақсимоти захираҳо байни давлат ва бахши хусусӣ ва амсилаи молиявии ташкили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудааст, ки самтҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- ташаккули корхонаҳои калони агросаноатӣ дар партави иҷрои консепсияи кластерикунонӣ ва мукаммалгардонии корхонаҳои хурд, бо мақсади иҷрои қарори Конфронси байналмилалӣ оид ба рушди устувори Рио-де-Жанейро (1992), ки ба корфармоён барои баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии онҳо;
- татбиқи таҷрибаи сиёсати иҷтимоӣ дар ҶСП Чжунтай - Данғара Синсилу текстили ноҳияи Данғара дар дигар корхонаҳои калони вилоят, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барномаи худро доранд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот:**

– мафҳуми нави сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, чун «сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ маҷмуи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии давлат дар бораи таҳияи ҳадафҳои рушди иҷтимоии ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа тавассути таъмини фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати зиёда аз арзиши сабади истемолӣ, дастгирии давлатии табақаҳои аҳолии барҷомонда ва бекорон, таъмини рушди маориф, тиб, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш»;

– гурӯҳбандии принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва муайян намудани вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

– механизмҳои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоию меҳнатии мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ ва татбиқи он барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон;

– муайян намудани сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию меҳнатӣ дар вилояти Хатлон;

– асоснок намудани таҳияи барномаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини иҷрои онҳо, чун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ;

– пешниҳод намудани амсилаҳо ва механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз асосҳои методологии таҳия ва иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва роҳҳои ба иҷро расонидани он бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар он баҳои ҳолати кунунии иҷрои масъалаҳои рушди иҷтимоию меҳнатӣ ва роҳҳои мукаммал гардонидани он иборат аст. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор пешниҳодҳои муаллиф ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мавриди истифода қарор гирифта, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои дарозмуддати мақсадноки иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, моҳияти иқтисодии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҷрибаи хориҷии таҳия ва иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, арзёбии вазъи муосири рушди бахшҳои иҷтимоию меҳанатӣ, таҳлили иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоию меҳнатӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушд, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатӣ мусоидат мекунанд, иборат аст. Хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин тавсияҳои алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ метавонанд дар раванди таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба банди 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти

меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғ); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ; 16. Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳалаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз қабили: таҳияи мавзуъ, асоснокӣ ва муҳиммияти он, мақсад ва вазифаҳои кор гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмил додан, таҳлили ҳолати кунунӣ, пешниҳоди самтҳо, таҳияи амсилаҳои асосии сиёсати иҷтимоию меҳнатии минтақа саҳми босазое гузоштааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷа ва муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ, Шурои илмии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ гардидаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар нашрияҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар 188 саҳифаи матни компютерӣ иншо гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 31 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ошкор карда шудаанд, навоварии илмӣ ва муҳиммияти амалии кор муайян карда шуда, объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявию методии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»**, моҳияти илмии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар шароити кунунӣ, доир ба моҳият ва мазмуни ибораи «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, ки яке дигарашро пурратар менамояд. Истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» дар давоми таърих таҳаввулоти зиёдеро дидааст ва дар тули таърихи инсоният онҳо тағйир ёфтаанд ва манфиатҳои гуногуни ҷомеаро ҳимоя мекарданд. Вобаста ба манфиатҳо ҳар як давлат сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии худро таҳия карда амали онро таъмин менамуд. Ин сиёсат дар он вақт амалӣ мегардад, ки ба ғояҳои адолати иҷтимоӣ асос ёфта, манфиатҳои ахлоқӣ, динии ҷомеаро ҳимоя менамояд. Ақидаҳои Афлотун, Арасту дар бораи он, ки «беҳтарин низоми давлатиро бояд ҳамчун як эътироф кард, ки ташкили он ба ҳар як инсон имкон медиҳад, ки пешрафт ва хушбахтона зиндагӣ кунад», ё «синфи миёна» ҳамчун омили устувории ҷомеа» қимати худро гум накардааст. Т. Гоббс, И. Кант, Гегел «адолати судиро арзиши бебаҳси иҷтимоӣ ва ахлоқӣ меҳисобиданд». Дар ин ҷода асарҳои И. Фихте, В. фон Гумболдт, О. Хеффе, В. Сомбарт, Ҷ. Хабермас меҳисобиданд, ки «ҳифзи иҷтимоӣ мазмуни демократияи омма мебошад».

Мо ҳамаи ин равишҳоро ба панҷ гурӯҳ тақсим намуда, онро ҳамчун амал барои ҳалли мушкилотҳои иҷтимоии ҷомеа, пешгирии амалҳои ифротгароӣ, таъмини талаботи қишрҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла маъюбон ва бепарасторон тибқи дастгирии давлатӣ ва хайрияи ҷамъиятӣ, воситаи коҳиш додани нобаробарии иҷтимоии табақаҳои аҳолӣ, тавассути азнавтақсимкунии даромадҳо, ҷорӣ намудани адолати иҷтимоӣ ва шарикии иҷтимоӣ сатҳои гуногуни тиҷорат ва давлат донистааст.

Тавре ки мебинед, дар ҳар кадоме аз ин равишҳо ибтидои муайяни мусбатро метавон баррасӣ кард ва сиёсати воқеии иҷтимоие, ки аксари давлатҳои мутараққии муосир татбиқ мекунанд, унсурҳои ҳар кадоми ин мафҳумҳоро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло, мо моҳияти сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатиро чунин шарҳ додаем, ки чун навгонии илмӣ пешниҳод намудааст. Муаллиф «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ маҷмуи манфиатҳои идеологию амалии давлат дар бораи таҳияи ҳадафҳои рушди иҷтимоии ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа тавассути таъмини фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати зиёда аз арзиши сабади истеъмолӣ, дастгирии давлатии табақаҳои аҳолии барҷомонда ва бекорон, таъмини рушди маориф, тиб, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш» донистааст.

Дар диссертатсия, принсипҳои сиёсати иҷтимоиро дар намуди ҷадвал гурӯҳбандӣ намуда онро ба ҳашт гурӯҳ тақсим намудааст. (расми 1).




Расми 1. Принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ. Сарчашма: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ»

Принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ вазифаҳои сиёсати иҷтимоиро ба миён мегузорад, ки дар диссертатсия дар намуди расм оварда шуда, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва тобеи истеҳсолот ба манфиатҳои истеъмол, тақвияти ҳавасмандгардонии меҳнат ва соҳибкорӣ, таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳифзи мероси фарҳангию табиӣ ва ҳувияти миллиро дар бар мегирад.

Мо, таҷрибаи механизмҳои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти бозориро таҳқиқ намуда, истифодаи се амсила – скандинавиявӣ (Дания, Шветсия, Финляндия), континенталӣ (Олмон, Австрия, Фаронса ва кишварҳои Бенилюкс), англо-саксонӣ (Британияи Кабир ва Ирландия), кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон бо маблағгузории тавассути барномаҳои иҷтимоии Россия, муҳайё намудани шароити моддӣ барои волидони худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Чин, сиёсати шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ, таъмини стандарти миллии сифати зиндагии Қазоқистон барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон қобили қабул мешуморем.

**Дар боби дуюм «Арзёбии вазъи муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили ҳолати муосир ва самтҳои иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Тоҷикистон, таҳлили сатҳи музди меҳнат ва нафақа, чун нишондиҳандаи баҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва баҳои таҳия ва таъмини иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар вилояти Хатлон баҳо дода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ тавассути қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ дар соҳаи меҳнат амалӣ карда мешаванд. Натиҷаи он буд, ки вазъи бозори меҳнат тадриҷан беҳтар шуда, сатҳи бекории расмӣ то 2,1%

коҳиш ёфт, шумораи миёнасолонаи машғулин дар иқтисодиёт аз 1971 ҳаз. нафари соли 1991 ба 2534 ҳаз. нафар расид. Ҳамзамон, қувваҳои кории истифоданашуда дар иқтисодиёт тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2021 шумораи онҳо 3119 ҳаз. нафарро ташкил дод, ки 55,2 фоизи захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад.

Музди меҳнати миёнаи як корманд дар як моҳ дар соли 2021 ба 1540,84 сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2015 қариб 75,0 фоиз зиёд аст. Вале дар ин давра андозаи миёнаи нафақа аз 125,34 соли 2010 ба 321,35 сомонӣ дар соли 2021 расид, ё 2,6 маротиба афзудааст. Бояд дар назар дошт, ки агар дар давоми 10 сол нуфузи аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар як сол 2,22% афзоиш ёфта бошад, пас афзоиши миёнасолонаи нафақахӯрон 2,48 фоизро ташкил медиҳад, ки доир ба тадриҷан пир шудани аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин давра шумораи мактабҳо 714 адад, шумораи мактабҳои олӣ низ 27 адад, афзудааст. Агар дар соли 1991 ҳамагӣ 13 мактаби олӣ мавҷуд бошад, соли 2021 адади онҳо ба 41 расидааст. Дар тули ин солҳо ба рушди илмҳои табиӣ ва дақиқ диққати махсус дода мешуд. Соли 2003 ҳукумат «Барномаи рушди илмҳои дақиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2008»-ро тасдиқ кард.

Дар диссертатсия, қайд гардидаас, ки таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтар намудани сиёсати давлатии ҷавонон роҳи нав кушод.

Дар соҳаи тандурустӣ қадамҳои устувор гузошта шуд, ки дар натиҷа, дар тули даврони истиқлолият, нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон ва модарон 2 маротиба коҳиш ёфтанд, дар ҳоле ки умри миёнаи одамон аз 69,4 соли 1990 дар соли 2019 ба 75,1 сол расид.

Дар диссертатсия, ба ҳолати муосири сатҳи музди меҳнат ва нафақа, чун нишондиҳандаи баҳои сиёсати иҷтимоӣ баҳо дода шуда, қайд гардидааст, ки давлат ҳадди ақали музди меҳнатро то ба сатҳи арзиши сабади истеъмолӣ боло набардошта, ба ин васила дараҷаи истисмори меҳнати соҳибкоронеро, ки аз қувваи кории арзон истифода мебаранд, афзоиш медиҳад.

Ин боиси он мегардад, ки корфармоён дар пардохти музди меҳнат аз додани шаклҳои гуногуни ғайримаъмулӣ истифода бурда, бо ҳамин васила аз пардохти андозҳо мегурезанд.

Арзиши озуқаворӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як рӯз, як моҳ ва як сол мавриди таҳқиқот қарор гирифта исбот карда шудааст, ки хароҷот барои ғизо нисбати сабади истеъмолӣ

48,6 фоизро ташкил менамояд. Яъне даромади аҳолӣ сабади истеъмолиро намепушонад.

Имрӯз дар кишвар хатто музди миёнаи мехнат барои коргарон ва оилахои онҳо шароити муътадили маишӣ фароҳам оварда наметавонад, ва водор мекунад, ки ба ғайр аз музди кор манбаи даромади иловагиро ҷустуҷӯ кунанд. Коэффисиенти байнирақамии кормандони хизматрасон метавонад дар ҳудуди 5-20 фоиз бошад, маоши корманди хурди илмӣ, корманди соҳаи кадрҳо, китобдор, рونанда, фаррош, посбони дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали 460 сомонӣ муқаррар карда шудааст, ки нисбати музди миёнаи иқтисодиёт 3,3 маротиба кам аст.

Сатҳи музди меҳнат дар Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои минтақа нисбат ба Туркия 7,7 маротиба, нибат ба Россия – 3,7, Қазоқистон- 3,1, Белорусия -2,9, Қирғизистон – 14,2 фоиз  паст мебошад.

Новобаста аз он қи сатҳи нафақаи аҳолӣ тамоюли афзоиш дорад, вале низоми муосири нафақаи Тоҷикистон тағйироти мушаххас, фаврӣ, андешамандона ва бунёдиро тақозо мекунад, зеро нафақа дар пирӣ зиндагии бошарафонаро таъмин карда наметавонад.

Таҳлили вазъияти кунунӣ ва тамоюлҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатии вилояти Хатлон нишон дод, ки он дорои иқтидори бузурги истеҳсолӣ буда, дар шароити кунунӣ аз он ба қадри тавоноӣ истифода бурда истодааст. Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$. 142,9 нафарро ташкил медиҳад. Дар вилоят 486,8 ҳаз. нафар дар иқтисодиёт машғуланд, аз он, дар соҳаи кишоварзӣ 63,8%, дар саноат 3,5%, дар сохтмон 1,0%, дар дигар соҳаҳо 31,7% фаъолият менамоянд.

Вилояти Хатлон дар иқтисодиёти кишвар мавқеи хоса дорад, зеро 65,1% ғалла, 69,4 пахта, 20,5% картошка, 59,6% сабзавот, 78,8% зироати полезӣ, 48,7% мева, 40,5% ангур, 56,7% гӯшт, 50,8% шир ва 10,2% тухми кишварро истеҳсол мекунад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар вилоят миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ тамоюли пастравӣ доранд. Дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ дар маҷмуъ 11,0 ҳаз. га кам шудааст.

Дар вилояти Хатлон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул тамоюли афзоиш дошта, дар давраи зери таҳқиқот қарордошта 90,7 ҳаз. нафар ё 22,9 фоиз афзудааст. Сатҳи бекорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, дар ин давра аз 5,8 фоиз ба 3,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Шуғли аҳолӣ дар бахши воқеӣ 18,9% ва бахши хизматрасонӣ 22,7% афзудааст. Зиёда аз 63,0 фоизи онҳое, ки бо кор машғуланд, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд.

Дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ ва ҷудошавии шаклҳои идоракунӣ, қувваи корӣ асосан дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) ва дар соҳаи хизматрасонӣ кор мекунанд тамоюли афзоиш доранд, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1

Шумора, шуғл ва бекорӣ дар вилояти Хатлон, ҳазор нафар

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Шумораи аҳолӣ | 2971,5 | 3047,8 | 3124,4 | 3198,6 | 3274,9 | 3459,7 | 3530,0 |
| Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол | 420,4 | 425,6 | 422,7 | 463,7 | 471,7 | 491,1 | 502.1 |
| Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул | 396,1 | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 476,0 | 486,8 |
| Шумораи бекорон | 24,3 | 21,0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 15,1 | 15,3 |
| Сатҳи бекорӣ, % | 5,8 | 5,2 | 4,5 | 3,5 | 3,2 | 3,2 | 3,1 |

**Сарчашма:** Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – С. 142.

Умуман, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар минтақа 11,9% афзудааст. Ин ба афзоиши табиии аҳолӣ вобаста аст. Сатҳи муҳоҷират баланд аст. Хусусан муҳоҷирати дохилӣ сол аз сол меафзояд. Қишрҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба Душанбе ва кишварҳои ИДМ муҳоҷират мекунанд.

Дар бахши воқеии иқтисодиёти вилоят 68,4 фоизи шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол машғул буда, 31,6 фоизи он дар баҳши хизматраслнӣ фаъолият доранд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Динамикаи сатҳи шуғли аҳолӣ, %

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2021/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамагӣ | 405,4 | 404,6 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 120,1 |
| Дар бахши воқеӣ | 279,9 | 273,4 | 313,9 | 317,8 | 334,5 | 330,5 | 332,8 | 118,9 |
| Ҳисса, % | 69,0 | 67,6 | 70,1 | 69,6 | 70,2 | 69,4 | 68,4 | X |
| Дар бахши хизматрасонӣ | 125,5 | 130,5 | 133,8 | 138,9 | 142,2 | 145,5 | 154,0 | 122,7 |
| Ҳисса, % | 31,0 | 32,4 | 29,9 | 30,4 | 29,8 | 30,6 | 31,6 | X |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. – 2022. – С. 68.

Дар вилоят фарқияти даромади хонаводаҳои шаҳр ва деҳот тамоюли пастравӣ дорад. Ин фарқият дар соли 2021 танҳо 0,6 фоизро ташкил медиҳад. Фарқи даромадҳои меҳнатии як хонаводаи шаҳр нисбат ба деҳот 71,9%, трансферҳои иҷтимоӣ – 19,6% зиёд буда, даромад аз фурӯши амвол – 114,1%, даромад аз моликият – 114,4% ва ҳиссаи даромад аз хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ 6,8 маротиба кам аст.

Ҷадвали 3

Сохтори даромадҳои аҳолӣ дар як моҳ дар солҳои 2017-2021

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II |
| Даромад ба як нафар, сомонӣ | 410,03 | 361,16 | 430,52 | 399,35 | 497,49 | 439,47 | 524,32 | 513,85 | 686,97 | 682,91 |
| Аз ҷумла даромадҳои меҳнатӣ | 272,55 | 142,78 | 293,40 | 161,65 | 335,90 | 174,67 | 273,07 | 176,30 | 372,77 | 216,79 |
| Трансферҳои иҷтимоӣ | 26,0 | 24,40 | 29,93 | 25,51 | 34,23 | 29,63 | 46,94 | 36,44 | 48,24 | 40,35 |
| Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | 1,13 | 26,67 | 1,01 | 30,12 | 0,02 | 31,32 | 5,81 | 55,96 | 9,35 | 63,15 |
| Даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул | 0,17 | 0,47 | 0,96 | 0,11 | 0,80 | 0,31 | 4,22 | 0,15 | 2,27 | 4,86 |
| Даромад аз моликият | 0,64 | 0,28 | 1,03 | 0,31 | 18,77 | 0,34 | 26,27 | 21,04 | 9,99 | 21,42 |
| Дигар даромадҳо | 108,97 | 126,88 | 104,18 | 181,71 | 107,77 | 203,20 | 168,01 | 223,96 | 244,35 | 336,34 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – С. 15-16. I-шаҳр; II-деҳот

Афзоиши шуғли аҳолӣ бо афзоиши даромади онҳо вобаста аст. Дар даҳсолаи охир сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ хусусиятҳои устувортар ба даст овард, ки ба таҳияи механизмҳои фаъоли мутобиқшавӣ, беҳтар шудани вазъи иқтисодии аҳолӣ мусоидат мекунад. Афзоиши доимии даромадҳо, ки дар тули солҳои охир мушоҳида мешуданд, барои таъмини рӯзгузаронӣ басанда нестанд. Дар ҷадвали 4 муқоисаи даромади хонаводаҳо дар вилояти Хатлон аз рӯи маҳалли зист оварда шудааст.

Ҷадвали 4

Динамикаи даромад вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар солҳои 2017-2021, сомонӣ

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Музди миёнаи меҳнат вобаста ба соҳаҳо** | | | | | | |
| Ба ҳисби миёна дар иқтисодиёт | 843,39 | 913,30 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | 135,5 |
| Аз ҷумла дар кишоварзӣ | 611,66 | 528,29 | 492,90 | 515,06 | 545,59 | 89,2 |
| Фарқи байни иқтисодиёт ва кишоварзӣ, (+,-) | -231,73 | -385,01 | -340,07 | -538,72 | - 597,60 | X |
| Фарқ бо % | 72,5 | 57,8 | 65,9 | 48,9 | 47,7 | X |
| **Даромад ба як нафар дар доираи хонавода, бо сомонӣ дар як моҳ** | | | | | | |
| шаҳр | 410,03 | 430,52 | 497,49 | 524,32 | 686,97 | 167,5 |
| деҳот | 361,16 | 399,35 | 439,47 | 513,85 | 682,91 | 189,1 |
| Фарқ (+,-), | -48,87 | -31,17 | -58,02 | -10,47 | -4,06 | X |
| Фарқ бо % | 88,1 | 92,8 | 88,3 | 98,0 | 99,4 | X |

**Сарчашма:** Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо (с. 14-15). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – С. 193-194.

Тавре ки мебинед, то соли 2021 дар соҳаи коҳиш додани фарқияти даромади хонаводаҳои шаҳр ва деҳот тамоюли мусбат ба мушоҳида мерасад. Соли 2021 даромад барои як сокини деҳа 682,91 сомониро дар як моҳ ташкил дод, ки 0,6 % аз даромади як сокини шаҳр кам аст.

Таҳқиқоти сотсиологие, ки мо дар соли 2021 оид ба баланд бардоштани сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он дар вилояти Хатлон гузаронидем, нишон дод, ки 20 фоизи пурсидашудагон таъминот бо доруҳо, 55% хизматрасонии ёрии таъҷилӣ, 5% хизматрасонии табибон, 63% хизматрасонӣ дар беморхонаро бад баҳо додаанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳанӯз дар муассисаҳои тиббии вилоят масъалаҳои ҳалталаб зиёданд (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5

Ҳолати тандурустӣ дар нуқтаҳои аҳолинишини деҳоти ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон, аз шумораи пурсидашудагон

| Саволҳо | Ҷавобҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Хуб | Қаноатбахш | Бад | Ҷавоб надоданд |
| Таъминот ба доруҳо | 30 | 50 | 20 | - |
| Хизматрасонии ёрии таъҷилӣ | 5 | 30 | 55 | 10 |
| Хизматрасонии табибон | 20 | 60 | 5 | 15 |
| Хизматрасонӣ дар беморхона | 3 | 15 | 63 | 19 |

**Сарчашма:** Пурсишномаи муаллиф дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон дар соли 2021.

Яке аз нишондиҳандаҳои натиҷаи сиёсати иҷтимоӣ рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мебошад. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки таъмини кӯдакон бо ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ нисбат ба соли 2015 тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, вале шумораи кӯдакон ба як муассиса дар шаҳрҳо 129,3 кӯдак ва дар деҳот 81,5 кӯдак рост меояд.

Нишондиҳандаи дигари баҳои рушди иҷтимоии минтақа, таъминоти муассисаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 шумораи китобхонаҳо бе тағйир монда, фонди китобҳо 2,1% коҳиш ёфтааст. Дар соли 2021 ба ҳар як хонанда 6,7 китоб рост меомад, ки нисбат ба соли 2015-ум 51,3% зиёд аст.

Дигар масъалаи муҳими иҷтимоӣ таъмин намудани меҳнаткашон бо манзил мебошад, зеро масоҳати манзил ба ҳар як сокини вилоят дар давраи солҳои 2017-2021 дар маҷмуъ 9,3%, сокини шаҳр -2,1%, деҳот -11,2% коҳиш ёфт.

Иҷрои барномаҳои рушди вилояти хатлонро мавриди таҳқиқот қарор дода ба хулосае омадаем, ки сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар он зоҳир мегардад, ки механизми иҷрои ин барномаҳо муайян карда намешаванд ва системаи чорабиниҳои ба назар гирифташаванда пояи молиявӣ надоранд ва сарчашмаҳои иҷрояшон ноаёнанд. Даромади хонавода хароҷоти онро намепӯшонад. Афзоиши миёнасолонаи аҳолӣ дар як сол 2,22% ва афзоиши миёнасолонаи нафақахӯрон 2,48 фоизро ташкил медиҳад, ки доир ба тадриҷан пир шудани аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода намешаванд. Ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ, ки 65,4 фоизи захираҳои меҳнатӣ машғуланд ба 4,69 сомонӣ дар 1 одам/соат ташкил медиҳад. Миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ бо сабаби ба дигар категория гузаштанаш тамоюли пастравӣ дорад. Сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он ба талабот ҷавобгӯ нест. Ба 1000 кӯдак дар шаҳрҳо 8,2 муассисаи томактабӣ ва дар деҳот 1,1 муассиса рост меояд, ки ин хеле кам аст. Сатҳи китобхонии аҳолӣ коҳиш ёфтааст. Таъмини аҳолӣ бо манзил ба ҳар як сокини вилоят дар давраи солҳои 2015-2019 дар маҷмуъ 5,6%, сокини шаҳр -13,0%, деҳот - 6,1% коҳиш ёфтааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»** тавассути таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию меҳнатӣ – самти асосии такмили сиёсати иҷтимоӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ – роҳи асосии таъмини иҷрои сиёсат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва ташкили корхонаҳои калони агросаноатӣ-имконияти асосии иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия омадааст, ки ҳадафи стратегии вилояти Хатлон дар самти рушди иҷтимоӣ ва меҳнат ноил шудан ба нишондиҳандаҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад, зеро вилояти Хатлон ҷузъи ҷудонашавандаи системаи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо вазифаҳоро вобаста ба марҳалаҳои

рушд муайян намуда, иҷрои онҳоро тадриҷан таъмин намудан зарур аст. Ҳадаф, якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда, дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, сеюм вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна мебошад.

Ба назари мо, нақши калидӣ дар ин раванд рушди системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва касбӣ мебозад, ки бояд дар ду самт рушд ёбад. Самти аввал азнавсозии барномаҳои таълимӣ то дастгирии соҳаи илмро дар бар мегирад. Дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Данғара бунёди маҷмааи илмӣ, таълимӣ ва технологӣ-инноватсионӣ ва дар заминаи он - шаҳраки донишгоҳӣ барои омодасозии донишҷӯёни аспирантура мутобиқи талаботи муосиртарини соҳаи илм дар назар дошта шудааст.

Барои рушди сиёсати иҷтимоӣ доир ба меҳнат дар вилоят ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар мадди аввал меистад ва самтҳои зеринро бояд дар бар гирад:

– рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини иҷрои ташкили кластерҳо, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 566, аз 28 октябри соли 2020, дар бораи «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2040»;

– дар буҷети вилоят барои рушди соҳибкорӣ дидани маҷмуи муайяни имтиёзҳо, ки хидматҳои иҷтимоиро кафолат медиҳад;

– такмили ихтисоси кормандон, таъмини амнияти меҳнат, табобати профилактикӣ, сохтмони манзил ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ. Ин навъи масъулиятро ба таври шартӣ метавон «масъулияти иҷтимоии тарафайн» номид.

– татбиқи таҷрибаи сиёсати иҷтимоӣ дар «ҶСП Чжунтай-Данғара Синсилу текстили ноҳияи Данғара» дар дигар корхонаҳои калони вилоят, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барномаи худро доранд.

Ҳамин тариқ, механизмҳои иҷрои сиёсати иҷтимоӣ доир ба меҳнат, таҳияи барномаҳои соҳавӣ, чун воситаи асосии идоракунии рушди соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат дар деҳот гардад. Ҳамзамон, ҳар як барномаи вилоятӣ бояд ҳалли масъалаҳои сиёсати иҷтимоӣ доир ба меҳнат, бо дарназардошти рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар бар гирад.

Таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ доир ба меҳнат, чун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ дидани чораҳои зеринро тақозо менамояд (расми 2).

**САМТҲОИ РУШДИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ**

**САМТИ АВВАЛ (2021-2025):**

– тақвияти мақсаднокии пардохтҳои иҷтимоӣ;
– ташкили татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ»;
– ҷорӣ ва рушди технологияҳои иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини солимии пиронсолон, маъюбон ва дароз кардани умри онҳо мусоидат мекунанд;
– татбиқи чораҳо оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас барои шахсони дорои қобилияти маҳдуд;
– ҷорӣ намудани технологияҳои муосири барқарорсозии маъюбон, ки ба принсипҳои кумаки барвақтӣ асос ёфтаанд;
– беҳтар намудани вазъи оилаҳо ва кӯдаконе, ки дар ҳолатҳои вазнини ҳаётӣ қарор доранд;
– таҷдид ва ислоҳоти ташкилотҳо барои ятимон ва кӯдакони бе парастор;
– фароҳам овардани шароит барои тарбияи кӯдакон дар ятимхонаҳо ва хонаҳои кӯдакон, инчунин такмил додани механизми кафолатҳои иловагӣ ба шахсони ятим, аз ҷумла ҳангоми таъмини онҳо бо манзили зист;
– ҷорӣ намудани стандартҳои маблағгузории хидматрасонии иҷтимоӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар муассисаҳои давлатии вилояти Хатлон;
– ташаккули сохтори оптималии шабакаи муассисаҳои хидмати иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар системаи хидмати иҷтимоӣ;
– ҷорӣ намудани системаи барқарорсозии ҳамаҷониба ва иҷтимоигардонии истеъмолкунандагони маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ;
– кам кардани афзалияти шаҳрвандон барои хидматрасонӣ дар доираи курсҳои барқарорсозӣ;
– расонидани сатҳи музди меҳнати кормандони муассисаҳои хидмати иҷтимоӣ ба сатҳи миёнаи иқтисодиёт.

**САМТИ ДУВУМ (2026-2030):**

– тавсеа ва рушди шаклҳои мақсадноки дастгирии категорияҳои камбизоати аҳолӣ;
– рушди шабакаи ташкилотҳои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, ки ба аҳолӣ хидматҳои иҷтимоӣ мерасонанд;
– баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои шаҳрвандон дар асоси васеъ намудани ҳаҷми хизматрасониҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҷалби меҳнати ихтиёрӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, тавсеаи сармоягузории хусусӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
– нигоҳ доштани афзалияти хидматҳои иҷтимоӣ барои шаҳрвандон, ки ба тамдиди ҳадди имконпазири будубоши гирандагони хидматҳои иҷтимоӣ дар муҳити муқаррарии иҷтимоӣ нигаронида шудаанд;
– таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои хидмати иҷтимоӣ;
– ҷалби соҳибкорони дорои масъулияти иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои дастгирӣ ба оилаҳое, ки кӯдаконашон дар ҳолатҳои вазнин зиндагӣ доранд;
– афзоиши шумораи иншооти афзалиятноки инфрасохтори иҷтимоӣ, нақлиётӣ, муҳандисӣ, ки барои маъюбон ва дигар гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ дастрасанд;
– рушди минбаъдаи инфрасохтори иттилоотии мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар заминаи телекоммуникатсияи муосир барои мубодилаи иттилоотӣ (электронӣ) байни мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои хидмати иҷтимоӣ.
– тамаркуз ба такмили минбаъдаи стратегия ва амсилаҳои минтақавии рушди дастгирии иҷтимоӣ ва хидматрасонии иҷтимоӣ барои аҳолӣ ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва расонидани хадамоти босифати иҷтимоӣ.

Расми 3.5. Самтҳои рушди соҳаи иҷтимоии аҳолӣ.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».

Барномаҳо ба принсипи барқароркунии даромаднокии иқтисодиётро таъмин намуда, бояд тавозуни рушди иқтисод ва муҳити зистро нигоҳ доранд, истифодаи захираҳоро ба манфиати аҳолӣ равона гардад, иҷрои ҳамаҷонибаи мақсадҳо на танҳо барои ҳалли мушкилоти ҷорӣ, балки мушкилоти оянда, ки бо баланд бардоштани сатҳи зиндагии на танҳо наслҳои имрӯза, балки наслҳои оянда низ алоқаманданд, бошад.

Масъалаи дигар ташкили ҷойҳои нави кориро дар назар дорад, ки шуғли пурсамарро таъмин намояд. Аз истифодаи қисми зиёди аҳолиро дар соҳаҳои самаранокии иқтисодияшон паст даст кашидан зарур аст. Ин асосан соҳаи кишоварзиро дар назар дорад, зеро ҳосилнокии пасти истеҳсолот наметавонад омили ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гардад. Ғайридавлатикунонии бесамар наметавонад омили рушд гардад ва механизми ба фаъолият бозгардонии корхонаҳои хусусишуда, танҳо бо роҳҳои иқтисодӣ ҳавасманд карда мешавад, ки яке аз онҳо баланд бардоштани андоз аз моликият мебошад. Ташкили агрокластерҳои саноатӣ воситаи  асосии таъмини шуғли аҳолӣ дониста мешавад.

Дар шароити кунунӣ, ки «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020» бо сабабҳои гуногун ба иҷро нарасид тамдид карда шуда, ба шароити кунунӣ мутобиқ карданаш аз фоида холӣ нест.

Дар вилояти Хатлон таъминоти аҳолӣ бо манзил ба ҳисоби миёна ба ҳар як шахс дар давоми солҳои 2017-2021 тамоюли пастравӣ дорад ва дидани чораҳои бетаъхирро тақозо менамояд. Дар ин ҷода мебоист барномаи «Рушди манзил дар вилояти Хатлон » таҳия ва тасдиқ карда шавад. Ҳадаф аз таҳияи барномаи мазкур таъмини аҳолӣ бо манзил ва паст кардани фишори кӯчиши аҳолӣ ба шаҳрҳои калон ва наздик намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ба аҳолии шаҳр мебошад. Ҳалли онро тавассути ташкили «Фонди манзили деҳот», ки метавонад дар ҷамоатҳои деҳот ташкил карда шуда, маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аҳолӣ ва дигар табақаҳои аҳолиро муттаҳид намуда, сохтмони манзилро барои деҳотиён ба роҳ монад.

Барои рушди соҳаи маориф ва тайёр намудани мутахассисон барномаи дарозмуддати мақсадноки «Рушди таҳсилоти касбӣ дар вилояти Хатлон » таҳия карда шавад. Зеро ҳолати кунунии тарбияи кадрҳо вазъи давлат ва бахши соҳибкориро душвор намуд. Ҳадафи барномаи пешниҳодшуда, навсозии системаи таҳсилоти касбӣ барои рушди ояндадори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди шаклҳои хурди хоҷагидорӣ, пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаи афзалиятноки «Рушди

инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон» таҳия ва амалӣ карда шавад. Дар доираи барнома механизми татбиқи додани қарзҳои имтиёзнок ба кооперативҳо таҳти кафолати ҳукумати вилоят зарур аст.

Азбаски барномаҳои асосӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми деҳот дар заминаи фарқияти шуғл ва даромади меҳнатии аҳолии деҳот дар вилояти Хатлон иҷро мешаванд, лоиҳаҳои «Рушди агротуризм» мебошад. Барномаи дигаре, ки рушди инфрасохтори деҳотро такмил медиҳад, метавонад Барномаи махсуси «Майдончаҳои хурди варзишӣ» бошад, ки чун омили баланд бардоштани саломатии аҳолӣ хизмат менамояд

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Тибқи вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин хулосаҳои илмӣ таҳия шудаанд:

